# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ). – Душанбе, 2026. – 170 с.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Воситаҳои ахбори оммаи байналмилалӣ дар муаррифии кишварҳо ва инъикоси авзои ҷаҳон нақши муассир дошта, ҳамзамон, ин расонаҳо дар ташаккулёбии имиҷи кишварҳо низ саҳмгузоранд, зеро чунин расонаҳо хеле шинохта буда, дар фазои иттилоотии байналхалқӣ мақоми хосса доранд. Аз ин ҷиҳат иттилооти нашрнамудаи расонаҳои байналхалқӣ метавонад ба раванди муносибатҳои байналмилалӣ таъсир расонад, афкори ҷомеаи ҷаҳониро ба вуҷуд орад ва тасавуроти қолабиро дар зеҳни аудиторияи худ ташаккул диҳад. Пас аз соли 1990 Осиёи Марказӣ дар маркази таваҷҷуҳи бештар қарор гирифтааст, зеро минтақа аз лиҳози захираҳои табиӣ ва мавқеи ҷойгиршавӣ ҷалби диққат мекунад. Дар шароити муосир авзои минтақа ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи расонаҳои ҷаҳонӣ қарор дорад. Воситаҳои ахбори оммаи байналхалқӣ на танҳо авзои минтақаро ба ҷаҳониён инъикос менамоянд, балки бо пахши иттилоот ва маводди таҳлилӣ тавонистанд диққати аудиторияи маҳаллиро ҷалб намуда, дар фазои иттилооти минтақа мавқеъ пайдо намоянд. Бинобар ин, омӯзиши фаъолияти расонаҳои байналхалқӣ имкон медиҳад, ки на танҳо раванди ташаккули журналистикаи байналхалқӣ, балки навгониҳо дар ташаккули равандҳои журналистикаи байналхалқӣ муайян гардад. Ҳамчунин, инъикос ва таҳлили авзои ҷаҳон, тарзи истифодаи воситаҳои муосири иттилоотӣ ва хабарнигорӣ дар асри навин, омодасозии мавод барои сомона, таҳияи гузоришҳои мултимедиавӣ, шарҳи рӯйдодҳо аз диди рӯзноманигорон таҳқиқ гардида, маҳорату сабки гузоришгарон, рушд ва такомули ҳунари журналистони байналхалқӣ мушаххас карда мешавад.

Ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» яке аз чунин расонаҳои байналхалқӣ аст ва пас аз солҳои 90-уми асри гузашта дар Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ маҳбубияти бештар пайдо намуда, ҳамзамон, дар муаррифӣ ва инъикоси Осиёи Марказӣ талош дорад. Таҳқиқи фаъолияти ин расонаи байналхалқӣ дар Осиёи Марказӣ аз мадди назари муҳаққиқон дур монда буд ва ба таҳқиқи вижа зарурат дошт. Аз ин рӯ, диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»)» аз ҷумлаи яке аз аввалин таҳқиқоте ба шумор меравад, ки дар он назари донишмандон доир ба фаъолияти ширкати «Мавҷи Олмон» дар Осиёи Марказӣ, бахусус Тоҷикистон ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, зимнан инъикоси авзои Тоҷикистон ва минтақа баррасӣ ва мавриди пажӯҳиш қарор

гирифтааст. Бар асоси ин метавон гуфт, ки матраҳ шудани масъалаҳои мазкур **аҳаммияти махсуси илмӣ** дорад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Пажӯҳиши фаъолияти Ширкати телевизион ва радиои «Мавҷи Олмон», баррасии мавзую муҳтавои расонаи мазкур, таҳқиқи фаъолияти расонаҳои байналхалқӣ дар Тоҷикистон, таҳлили хусусиятҳои журналистикаи байналхалқӣ, ки дар диссертатсияи тақризшаванда ҷой дорад, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мавзуи диссертатсияи мазкур ба доираи мавзуъҳо ва масоили пажӯҳишии **шиносномаи ихтисоси илмии 6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ пурра мувофиқат менамояд.**

**Навгонии илмии диссертатсияи** тақризшаванда, пеш аз ҳама, дар он зоҳир меёбад, ки таърихи пайдоиш, ташаккул ва фаъолияти ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» ва инъикоси авзои Осиёи Марказӣ дар он бори нахуст дар шакли диссертатсия ба таҳқиқ фаро гирифта шудааст. Дар баробари ин, дар диссертатсия ба таҳқиқи масъалаҳои ҳадафу вазифаҳои расонаи мазкур, ҷойгоҳи он дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ, фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон, вижагиҳои барномасозӣ дар ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон», истифодаи мавodди расонаи мазкур дар ВАО-и Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Натиҷаҳои бадастовардаи довталаб ва хулосаю тавсияҳои пешниҳоднамудаи ӯ аз чанд ҷиҳат асоснок гардида, эътимодбахшанд. Аввалан, муаллифи диссертатсия дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ ба ҳадди зарурӣ ба осори илмию назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ такя карда, дар ҳолати зарурат аз сарчашмаҳои электронию адабиёти илмӣ истинод оварда, истиқлоли андеша низ дорад. Баъдан, маълумоти манзуршуда ва андешаҳои баёнгардида бо далелу муҳокимарониҳои ҷолиби таваҷҷуҳ асоснок карда шудаанд. Бандубаст, овардани далелу бурҳонҳо ва хулосаҳои пешниҳоднамудаи муаллифи диссертатсия эътимоднок буда, қисме аз онҳо дар интишороти довталаби дараҷаи илмӣ роҷеъ ба мавзуи диссертатсия инъикос ёфтаанд. Дар асоси андешаҳои баёнгардида метавон гуфт, ки **хулоса ва тавсияҳои довталаби дараҷаи илмӣ** боэътимод буда, барои таҳқиқоти минбаъдаи соҳаи журналистикаи байналхалқӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, шаш фасл ва хулосаву рӯйхати адабиёт фароҳам омада, ҳаҷми умумии кор 170 саҳифаи чопи компютериро ташкил додааст. Дар **муқаддимаи диссертатсия** аҳаммияти таҳқиқи мавзуъ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарию амалии натиҷаҳои бадастовардашуда ва дигар бахшу зербахшҳои зарурӣ муайян шудаанд.

**Дар боби аввали** диссертатсия **«Омилҳои таъсиси расонаҳои байналмилалӣ»** таърихи пайдоиши радиошунавонии байналхалқӣ ва радиои

«Мавҷи Олмон» таҳқиқ шуда, боби мазкур аз ду фасл иборат аст. **Фасли аввали боби якум – «Муруре ба таърихи таъсиси расонаҳои байналмилалӣ» унвон дошта, рисоланавис ба таҳқиқи омилҳои зуҳури** расонаҳои байналмилалӣ руҷуъ намуда, заминаҳои пайдоиши онҳоро муайян намудааст. Ҳарчанд аз ибтидои худ матбуот дар инъикоси рӯйдодҳои байналмилалӣ саҳмгузор аст, вале пайдоиши агентиҳои иттилоотӣ дар ин бахш вусъати бештар бахшид ва муҳаққиқи рисола низ ин ҷиҳати масъаларо ба назар гирифта, дар ин фасл ба пайдоиш ва ташаккули агентиҳои иттилоотӣ ва нақши онҳо дар фазои иттилоотии ҷаҳон таваҷҷуҳ намудааст. Ҳамзамон омилҳои ташкили радиоҳои байналмилалӣ таҳқиқ гардида, нақши онҳо дар шаклгирии фазои иттилоотии байналмилалӣ муайян карда шудааст.

**Дар фасли дуюми боби аввал «Таърихи таъсис ва фаъолияти ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»»** рисоланавис қабл аз баёни таърихи пайдоиш ва ташаккули ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» ба таърихи журналистикаи Олмон, бахусус дирӯз ва имрӯзи матбуоти он таваҷҷуҳ намуда, махсусияти онро қайд карда, заминаро барои дарки мавзуи асоси фасл фароҳам овардааст. Аз ҷумла, диссертант муайян кардааст, ки ҳадафи Олмон аз оғози пахши барномаи хориҷӣ танҳо ирсоли иттилоот барои ҳамватанони бурунмарзӣ набуда, балки барқарор намудани эҳтиром ва эҳёи боварии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба он кишвар пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон ниҳоят муҳим будаст. Маҳз аз ин ҷиҳат таваҷҷуҳ ба радиошунавонии байналмилалӣ, бахусус дар таъсис ва рушди ширкати «Мавҷи Олмон» афзудааст. Инчунин дар ин фасл фаъолияти намояндагии тоҷикистонии ширкати мазкур пажӯҳиш шудааст.

**Боби дуюми рисола «Расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ» унвон дошта,** рисоланавис ба масъалаи воридшавии расонаҳои байналмилалӣ ба фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ намудааст. Дар **фасли аввали боби дуюм «Ҳадаф ва нақши расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ»** довталаби дараҷаи илмӣ аҳдоф ва вазифаҳои расонаҳои байналхалқӣ, бахусус расонаи мавриди таҳқиқро таҳлил намуда, ба мушкилоти фазои иттилоотии минтақа ва нақши расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, фаъолияти расонаҳои байналмилалии амрикоиро мӯшикофона пажӯҳиш кардааст.

**Фасли дуюми боби дуюм ба таҳқиқи «Фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон»** бахшида шуда, диссертант фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ вобаста ба Тоҷикистонро иборат аз ду самт медонад. Муайян кардааст, ки самти аввалро пахши барномаҳо бо забони тоҷикӣ дар замони шуравӣ ва самти дуюмро фаъолияти бевоситаи намояндагиҳои расонаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ташкил додаанд. Ҳамзамон дар такя ба сарчашмаҳо рисоланавис пайдоиш, ташаккул ва вижагиҳои фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла, намояндагиҳои радиоҳои «Озодӣ»,

Би-Би-Си ва дигар расонаҳоро мавриди баррасӣ қарор дода, таъсири онҳо ба фазои иттилоотии кишвар ва минтақаро таҳлил карда, мавқеи онҳо дар ташаккули афкори ҷомеаро муайян кардааст.

**Боби сеюми** диссертатсия **«Вазифа ва ҳадафҳои барномаҳои ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»»** унвон дошта, рисоланавис дар доираи ду фасл таҳқиқро идома додааст. **«Ҳадаф ва вазифаҳои барномасозӣ дар ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»» унвони фасли якуми боби сеюм аст.** Дар ин фасл диссертант ба он таваҷҷуҳ намудааст, ки дар расонаи мавриди таҳқиқ ба шаклу услуби барномасозӣ ва тарзи пешниҳод чӣ гуна муносибат мешавад ва ҷиҳати ҷалби бештари аудитория аз кадом имкониятҳо истифода менамоянд. Вобаста ба ин масъала чанд мисол баррасӣ карда шуда, ҳамзамон, доир ба нақши муассири ин расонаи байналмилалӣ дар фазои иттилоотии олам изҳори назар карда шудааст.

Диссертант аз таҳқиқи фасли мазкур ба ин хулоса меояд, ки «барномаҳои «Мавҷи Олмон» ба талаботи замон мувофиқ буда, пеш аз ҳама, манфиат ва таваҷҷуҳи аудиторияи худашро фаро мегиранд. Ин барномаҳо дар баробари пешниҳоди иттилои гуногун дар бораи рӯйдод ва навигариҳои кишварҳои хориҷӣ, барои ҷалби сайёҳон, тарғибу ташвиқи сиёсат, фарҳанг ва ҳунар (санъат)-и Иттиҳоди Аврупо ва Олмон нақши калон мебозанд». [диссертатсия, с. 127].

**Дар фасли дуюми боби сеюм – «Ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» – сарчашмаи маълумот барои расонаҳои дигар»** масъалаи корбурди маводди радиои «Мавҷи Олмон» дар расонаҳои Тоҷикистон таҳқиқ шудааст. Рисоланавис бамаврид таъкид менамояд, ки барои ҳама навъи воситаҳои ахбори оммаи дигар кишварҳо ҳамчун манбаи боэътимоди иттилоот шинохтан хусусиятҳои нахустини расонаҳои байналмилалист. Ҳамзамон ӯ муайян намудааст, ки аз ҷониби расонаҳои байналмилалӣ ва расонаҳои дигар кишварҳо мавриди истинод қарор гирифтани матолиби расонаи «Мавҷи Олмон» баёнгари нуфузи байналмилалии он аст, Аз ҳамин нуқтаи назар, ӯ маводди ширкати телевизион ва радиои «Мавҷи Олмон»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, маълум кардааст, ки расонаи мазкур ҳамчун сарчашмаи боъэтимоди байналмилалӣ дар расонаҳои давлатӣ ва хусусии Тоҷикистон эътироф гаштааст ва маводи он ба таври фаровон истифода мешавад.

**Хулосаи диссертатсияи** Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар 10 банд ҷамъбаст гардида, фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии диссертант мебошад. Илова бар ин, дар охири ҳар банди хулоса ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ истинод оварда шуда, аз он шаҳодат медиҳад, ки кори таҳқиқӣ марҳила ба марҳима бо низоми муайян анҷом ёфтааст. Хулоса ва тавсияҳои довталаби дараҷаи илмӣ бардошт аз таҳлилу таҳқиқи мавзую масоили меҳварии бобу фаслҳои диссертатсия буда, ҷанбаи қавии назарию амалӣ доранд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Диссертатсияи тақризшаванда аз чанд ҷиҳат аҳаммияти илмии назарию амалӣ ва иҷтимоӣ дошта, пеш аз ҳама, ба гиреҳкушоии баъзе масоили норавшани журналистикаи байналхалқӣ мусоидат менамояд. Методу усулҳои илмие, ки дар диссертатсия истифода гардидаанд, методҳои санҷидашуда ва боэътимод буда, ба диссертант дар татбиқи усулҳои нави накди журналистӣ ва назарияи журналистикаи байналмилалӣ имконот фароҳам овардаанд. Агар ба маводди диссертатсия, аз як тараф, дар ҷараёни таҳқиқи масоили гуногуни журналистикаи байналхалқӣ такя кардан имкон дошта бошад, аз ҷониби дигар, аз ин кори таҳқиқӣ ҳангоми таблиғ ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти муносибат бо воситаҳои электронии ахбор, пеш бурдани фаъолияти журналистӣ, таҳияи барномаҳои нави таълимӣ, васоиту дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, пажӯҳиши таърихи пайдоиш ва ташаккули шабакаҳои радио ва телевизионии байналхалқӣ, агентиҳои итттилооти хориҷӣ ва ғайра метавон истифода намуд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар 8 мақола, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақола дар маҷмуаҳои илмӣ ва 3 мақола дар маҷаллаҳои хориҷӣ инъикос ёфтааст. Ҳамчунин, довталаби дараҷаи илмӣ дар конференсияи ҷумҳуриявии «Матбуоти даврии тоҷик дар шароити инкишофи технологияи муосир» (Душанбе, 2018) ва конференсияи байналмилалии «Дипломатияи об ва омилҳои фарогирии он дар бозтоби ВАО-и кишварҳои Осиёи Марказӣ» (Душанбе, 2019), конфронси 8-уми байналмилалии «Тадқиқоти илмӣ дар асри XX1» (Оттава, 2021) ва конфронси 3-юми байналмилалии «Тадқиқоти байнисоҳавӣ» (Гамбург, 2021) баромад намудааст, ки дар сатҳи шоиста муррифӣ гардидани мавзуи таҳқиқшавандаро собит менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсия ва автореферати Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар асоси Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ таҳия ва пешниҳод гардида, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувоиқат менамоянд. Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб ва ғалатҳои имлоӣ низ ҷой доранд. Дар корҳои илмӣ-таҳқиқии минбаъда ба нукоти зерин мутаваҷҷеҳ шудани довталаби дараҷаи илмӣ аз аҳаммият холӣ нест:

1. Хуб мешуд, ки дар фасли якуми боби аввал диссертант дар баробари таърихи таъсисёбии радиоҳои байналмилалӣ ба фаъолияти идораи барномаҳои бурунмарзии Тоҷикистон, ки имрӯз «Овози тоҷик» ном гирифтааст, ишора мекард.

2. Гоҳе услубӣ публитсистӣ дар омезиш ба услубӣ илмӣ истифода шудааст. Аз ҷумла, дар таҳлили маводди «Мавҷи Олмон» дар хусуси кашшофи шуравӣ Раҳим Бурҳонов чунин ҳолат ҷой дорад.

3. Дар диссертатсия агар мавзуҳо ва маводди ба Осиёи Марказӣ бахшидашудаи «Мавҷи Олмон» дар шакли ҷадвалҳо бештар нишон дода мешуд, қиммати рисола болотар мерафт.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмадро кам намекунанд ва ба дастовардҳои илмии диссертант таъсири манфии зиёд намерасонанд.

**Дар умум,** диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»)» ба меъёру муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, довталаб сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири идораи барномаҳои иттилоотии «Телевизиони Душанбе» Ҳакимзода Р. К.

«18» марти соли 2026.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи С. Айнӣ, бинои 339, ҳуҷраи 2.
Тел.: (+992) 77-707-20-37.
E-mail: poct-90@mail.ru

Имзои Ҳакимзода Раҳим Каримро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи баҳисобгирии кадрҳо, таъмини ҳуқуқӣ ва коргузории «Телевизиони Душанбе» Исматова Ҳ.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон, 19/1
Тел.: (+992) 221-24-46.
E-mail: info@dushanbetv.tj

«18» марти соли 2026.